«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________________
26 январи соли 2022

**Хулосаи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Диссертатсия дар мавзӯи «Асосҳои илмӣ-методологии фаъолгардонии ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз фанҳои зистшиносӣ» дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Дар давраи омода намудани диссертатсия унвонҷӯ Қузиева Раъногул Мирмухамадовна дар кафедраи умумидонишгоҳии фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба хайси ассистент кор мекард.

Ӯ соли 2007 Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А.Рудакиро бо ихтисоси «биология» хатм намудааст.

Соли 2014 Қузиева Раъно Мирмухамадовна ба хайси аспиранти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пазируфта шуд.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2021 аз тарафи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ - ректори Донишгоҳи даавлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдаки, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мирализода Абдусалом Мустафо мебошад.

Мутобиқ ба натиҷаи муҳокима хулосаи зерин қабул карда шуд:

Мубрамияти мавзӯи тадқиқот ба он алокаманд мебошад, ки рушди ташкилӣ-педагогии фаъолгардонии ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз фанҳои зистшиносӣ баробар аст. Дар робита ба ин зарурияте ба миён омадааст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сабабмандӣ-шавқмандии хонандагон бо истифода аз технологияи навин дар раванди таълиму тарбия оид ба дарки табиат ва муҳити атроф баланд бардошта шавад.

Дар ҷумҳурии мо барномаи давлатӣ бароиислоҳи низоми таълим ва тарбия дар ҳоли иҷро аст, ки дар пояи теъдоде аз навовариҳои асосӣ сохта шудааст ва аз ҷумла ин мавридҳоро метавон бунёдсозӣ, инсонсозӣ ва иттилоърасонӣ ном бурд. Комилан ошкор аст, ки маърифати экологӣ низ бояд дар ин ҷо ҳузур дошта бошад, ки бидуни шак «инсонсозӣ» - и кулли раванди маорифро тақвият намояд.

Навсозии таҳсилот мутобиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), Консепсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тарбияи экологӣ (1996), «Консепсияи миллии тарбия» (2006) ташкили саводнокии экологӣ, фарҳанги таълимгирандагон ва муҳтавои низоми педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумиро тақозо менамояд.

Хидмати махсуси диссертант аз он иборат аст, ки дар кори диссертатсионӣ вай вазифаҳои тадқиқотиеро ҳаллу фасл намудааст, ки ба теъдоди муҳимтарини онҳо мавридҳои зерин дохил мешаванд:

– вобаста ба ҷанбаҳои таълиму тарбияи экологӣ дараҷаи мушкилоти мавриди таҳқиқбуда таҳлил карда шавад;

– дар доираи низоми маорифи кишвар муҳтавои барномаи ташаккули маърифати экологӣ ва табиатдӯстдории талабагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ мавриди бозбинӣ қарор гирад;

– доир ба тақвият бахшидан ба фаъолияти экологӣ ва ҳифзитабиатии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар доираи чорабиниҳои беруназдарсӣ ва беруназмактабӣ маводи дарсӣ таҳия ва тартиб дода шавад;

– таҷрибаҳои оммавӣ ва беҳтарини таълиму тарбияи экологӣ дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳури Тоҷикистон омӯхта шавад;

– роҳҳо ва равишҳои мантиқии чорабиниҳои беруназсинфии дорои ҷанбаи экологӣ – ҳифзитабиатии хонандагони синфҳои 5-9, ки самарабахшии ташаккулёбии ақидаҳои ахлоқии онҳоро таъмин мекунанд, коркард ва тасдиқ карда шаванд.

Мазмуни кори дисссертатсионӣ ба соҳаҳои зерини тадқиқот шиносномаи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат дорад:

– Назария ва консепсияҳои тарбия (вобастагии тарбия ба шароити фарҳанги иҷтимоӣ; қонуниятҳо ва принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба воярасии ӯ; пояҳои арзишманди ташкили раванди тарбия, низомҳои педагогии тарбия; консепсияҳои этнопедагогии тарбия; равобити тарафайни тарбияи шахсият ва коллектив (ҳамдастаҳо) ҷунбишҳои кӯдакона ва ташкилотҳо; таҳсилоти иловагӣ ҳамчун воситаи тарбияи шахсият).

– Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасти таҷрибаи пешравии педагоги; ҳаракати ибтикорӣ дар таҳсилот; фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ дар муассисаи таҳсилотӣ; тағироти бонизоми фаъолияти касбии педагогии муаллимон, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазоифи он; фаъолияти созмонҳои

ҷамъияти дар соҳаи таҳсилот; ҳамкориҳои иҷтимоии муассисаи таҳсилотӣ.

Муаллиф аз назари илмӣ нақш ва имкониятҳои синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимии миллии Тоҷикистон дар эҷоди асосҳои маърифати экологии талабагони синфҳои ибтидоӣ аз тариқи ошноии онҳо бо суннатҳои табиатфаҳмии мардуми худ, фарҳанги мардумӣ (фолклор), офаридаҳои санъати дастӣ, тибби мардумию суннатӣ, асосҳои фалсафа ва дин, арзишҳои табиати сарзамини хеш мушаххас кардааст. Ба ҷуз аз ин, диссертант маҷмӯи универсалии чорабиниҳои экологии беруназсинфӣ ва беруназмактабие, ки барои ташаккулёбии ақидаҳои ахлоқӣ ва экологӣ дар байни талабагони синни хурди мактабӣ равона гардидааст, тарроҳӣ шуда ва мавриди озмоиш қарор гирифтааст.

Саҳми шахсии унвонҷӯ аз он иборат аст, ки вай дар раванди таҳқиқот лоиҳаеро таҳия намудааст, ки мӯҳтавои аслии барномаи он бо таваҷҷуҳ ба дастуруламалҳои педагогӣ ва эҷоди як муҳити экологӣ аз тариқи корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ таъйин мешавад.

Натиҷаҳои ба даст омадаи таҳқиқот дар 14то мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидаанд:

**Рӯйхати мақолаҳои илмии дар нашрияҳои тавсиявии КОА нашршуда:**

**Мақолаҳое, ки дар журналҳои тақризшавандаи КОА ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баромадаанд.**

**[1-М]. Кузиева Р. М.** Таъсири фаъолияти инсон ба табиат. / **Р. М. Кузиева** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №3 /7(241). 2016. - С. 260-264.

**[2-М]. Кузиева Р. М.** Муносибати байниҳамдигарии ҷамъият бо табиат. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №3/1. 2017. С. 216 - 219.

**[3-М]. А.М. Мирализода, Р.М. Кузиева** .Модель подготовки учащихся начальных классов в эколого-природоохранной деятельности.(на тадж.языке) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №2. 2021. С. 266 -279.

**[4-М]. Кузиева Р.М.**Фарҳанги экологӣ ва роҳҳои методии ташаккули он дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ. Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. №3 (7)2021 ISSN(2708-5759 ) ISI

**[5-М].** Ташаккул ва инкишофи тафакури экологӣ аз замони бостон то замони мо .Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. №2 (6) 2021 ISSN (2708-5759 ) ISI

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳо:**

**[1-М]. Кузиева Р. М.** Ҳамкориҳои байналхалқӣ дар соҳаи об // Маҷмӯаи маводҳои конфронси илмӣ-назариявии ҳайати профессорону устодон ва донишҷӯён. / **Р. М. Кузиева**, А. Ш Қаландаров // Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 24-25-апрели 2014. № 2. - С. 136-138.

**[2-М]. Кузиева Р. М.** Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи оби тоза // Маҷмӯаи маводҳои конфронси илмӣ-назариявии ҳайати профессорону устодон ва донишҷӯёни. / **Р. М. Кузиева**, А. Ш Қаландаров // Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон 24-25-апрели №3 2015. С. 222-226.

**[3-М]. Кузиева Р. М.** Муҳимтарин хусусиятҳои экологию биологӣ ва роҳҳои ҳифзи лолаҳои худрӯи нодир ва нестшудаистодаи Тоҷикистон // Маҷмӯаи маводҳои конфронси илмӣ-назариявии ҳайати профессорону устодон ва донишҷӯён / **Р. М. Кузиева**, М. Саидов // Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон №2(6) 2016. -С. 195-198.

**[4-М]. Кузиева Р. М.** Минтақаҳои сайёҳию рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон /**Р.М. Кузиева**// Маҷмӯаи маводҳои конфронси илмӣ-назариявии ҳайати профессорону устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. №1. 2019. - С. 83-86.

**[5-М]. Кузиева Р. М.** Саҳми неругоҳҳои барқӣ-обӣ дар рушди энергетикаи Тоҷикистон // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ: Электроника: мушкилот, ва рушду нумуи энергетика дар минтақа. **Р.М.Кузиева**, В.Р. Орифҷонова//. Донишгоҳи тахникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ. 2018. – С. 285-288.

**[6-М]. Кузиева Р. М.** Технологияи инноватсиони дар ташаккули маданияти экологии донишҷӯёни муассисаҳои оли. **Р.М. Кузиева**, Ҷ.С. Мансурова//. Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон №4(12). 2017. - С. 129-132.

**[7-М]. Кузиева Р. М.** Об ганҷи бебаҳо ва ҳифзи он вазифаи мост. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Даҳсолагии байналмилалии «Амал об барои рушди устувор, О. П. Улуғов 2018-2028» Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров. Хуҷанд-2018. – С. 302-305.

**[6-М]. Кузиева Р. М.** Ҳамкориҳои байналмилалӣ ва муносибатҳои молиявию иқтисодӣ ҷиҳати бартараф кардани мушкилоти захираҳои обӣ/Р.М. Кузиева // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ - назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (2020-2040) (13-18 апрели соли 2020) Душанбе, 2020. - С. 377-379.

**[7-М]. Р. М. Кузиева.** Таълими ҳамгироии забони модарӣ, ки ба ташаккули самараноки қобилияти идроку пажуҳишии хонандагони мактаб мусоидат мекунад. / // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба С. Айнӣ. №165. 2020. С.212-216.

**[8-М]. Р.М. Кузиева** .Таъминоти муносиби дидактикӣ-технологии дарсҳои ҳамгиро дар асоси матнҳои бадею таърихӣ, ки ба имкониятҳои идрокию пажӯҳишии талабагони синфҳои поёнӣ мувофиқанд. // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба С. Айнӣ 2020. №165. (шумораи 2-3) С.209-211.

Фаъолияти экологӣ ва аҳамияти он ба табиатдустдории хонандагони муассисаҳои таълимӣ. ДДМИТ Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикисто.Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ Бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (2019-2021) (12-17 апрели) Душанбе 2021.

**[9-М]. Р.М.Қузиева** Тарбияи экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва аҳамияти он дар ҳифзи муҳити зист.Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.Маводи конференсияи ҷумҳуривии илмӣ-амалӣ "Истиқлолияти давлатӣ ва эҳёи педагогикаи миллӣ"(5- майи соли 2021).С 117-120.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат мебошад, ки дар диссертатсияи мазкур бори аввал бобати ташаккул додани огоҳиҳо ва маърифати экологии талабагони синфҳои ибтидоӣ маҷмӯи чорабиниҳо пешниҳод шудааст:

– низоми асосҳои ташкилӣ – педагогии фаъолияти экологӣ ва табиатдӯстдории талабагони синфҳои 5-9 муассисаҳои таълимӣ дар низоми чорабиниҳои берунасинфӣ ва берунамактабӣ;

– маҷмӯи универсалии чорабиниҳои берунасинфӣ ва берунамактабии дорои ҷанбаи экологӣ ва ҳифзитабиатӣ, ки барои ташаккулёбии ақидаҳои ахлоқӣ ва экологии талабагони синни хурди мактабӣ равона гардидааст, тарроҳӣ шуда ва мавриди озмоиш қарор гирифтааст;

– нахустин бор нақш ва имкониятҳои синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҷоди асосҳои маърифати экологии талабагони синфҳои ибтидоӣ аз тариқи ошноии онҳо бо анъанаҳои табиатфаҳмии мардуми худ, фарҳанги мардумӣ (фолклор), офаридаҳои санъати дастӣ, тибби мардумию суннатӣ, асосҳои фалсафа ва дин, арзишҳои табиати сарзамини хеш мушаххас шуд;

– низоми баҳодиҳии дараҷаҳои ташаккулёбии фаъолияти экологӣ-ҳифзитабиатӣ барои талабагони синфҳои ибтидоӣ дар низоми чорабиниҳои берунасинфӣ ва берунамактабӣ коркард шудааст.

Муаллиф ба таври кофӣ - дуруст методҳои маъмулро асоснок карда натиҷаҳои тадқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳоро мавриди истифода қарор додааст. Асоснокии натиҷаҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ба ҳамоҳангии маълумотҳои озмоишӣ ва хулосаҳои илмӣ такя мекунад.

Саҳеҳияти муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо дар кор ба воситаи методологияи дарки илмӣ, консепсияи ташхиси педагогӣ, бо такя ба назария ва методҳои эпирикии тадқиқот, ки мушобеҳ ба вазифаҳои тадқиқот мебошанд таъмин карда мешаванд. Ғояи тадқиқот

ба таҳлили маводи методӣ, илмӣ-назариявӣ ва амалӣ доир ба таълиму тарбияи экологӣ асос ёфтааст.

Аҳамияти амалии махсуси ин тадқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои пажӯҳиш дар конфронсҳои илмӣ ва амалӣ дар шаҳрҳои мухталифи кишвар гузориш ва тасвиб шуда, тавсияҳои амалӣ бомуваффақият ба тbabri амалӣ дар қисмате аз муассисоти таҳсилоти умумӣ ҷорӣ карда шуд ва самараи нисбатан баландро нишон дод. Натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи кори омӯзгорони қисмате аз муассисаҳои таълимии кишвар ворид карда шуда, тавассути чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар мавриди истифода мебошанд.

**Қарор:**

1. Диссертатсияи Қузиева Раъногул Мирмуҳамадовна дар мавзӯи «Асосҳои илмӣ-методологии фаъолгардонии ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз фанҳои зистшиносӣ» кори илмии тахассусӣ буда, ба меъёрҳои муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» тасдиқшуда аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.
2. Диссертатсияи Қузиева Раъногул Мирмуҳамадовна дар мавзӯи «Асосҳои илмӣ-методологии фаъолгардонии ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз фанҳои зистшиносӣ»» барои дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) тавсия дода мешавад.

Дисертатсия дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласа 12 нафар иштирок карданд. Натиҷаи овоздиҳӣ чунин аст: тарафдор -12 нафар, зид - нест, бетараф - нест. Суратҷаласаи № 6 аз 26 январи соли 2022

И.в. мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тошзода Савриддини Ҳомид

Муқарриз: доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Юнусова Нафисахон Муродовна

Муқарриз: номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Худойқулова Қизларгул Ҷурақуловна

Котиби ҷаласа Шодиева Ш.М.
26 январи соли 2022

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
Тел.: (992) 90-321-21-27
E-mail: toshzoda@inbox.ru

Имзои С.Ҳ. Тошзода, Н.М. Юнусова, Қ.Ҷ. Худойқулова ва Ш.М. Шодиеваро тасдиқ мекунам.

Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
26 январи соли 2022